Тақризи

роҳбари илмӣ ба рисолаи диссертатсионии Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзӯи «Шароитҳои педагогию ташкилии тарбияи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таввасути худомӯзи», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ).

Яке аз вазифаҳои муҳими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули арзишгароӣ ва рушди сифатҳои ахлоқие мебошад, ки асосҳои худмуайнкунииию амалисозии шаҳрвандиро ташкил медиҳад. Имрӯз дар маҷмӯъ дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳое ба анҷом расонида мешавад, ки ба такмили низоми тарбия нигаронида шудаанд.

Вале бояд тазаккур дод, ки ҳанӯз ҳам фазои ягонае, ки тарбияи шаҳрвандии хонандагонро фаро гирифта бошад, ба вуҷуд оварда нашудааст. Барои ташкили он бояд мо чунин низоми ақидаю муносибатҳоро ташкил намоем, ки қоида ва пиринсипҳои асосии он барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот якхела бошад ва муттасил дар тарбияи насли наврас тарбияи шаҳрвандиро таъмин намояд.

Тарбияи шаҳрвандӣ як ҷузъи муҳимтарини тафаккури ҷаъмиятӣ буда, дар рӯҳу ҳиссиёт ва арзёбии коллективӣ нисбат ба халқи худ, тарзи ҳаёт, тарих, фарҳанг, давлат ва низоми арзишҳои бунёдӣ зоир мегардад.

Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич соли 2003 Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ихтисоси таёрии пеш аз даъвати ҳарбӣ ва тарбияи ҷисмонӣ хатм намуда, пас аз хатми Донишкадаи мазкур то соли 2009 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи №45 шаҳри Ҳисор ба ҳайси омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ фаъолият кардааст. Ибтидо аз соли 2009 аввал ассистент, сипас муалими калон ва аз соли 2017 то соли 2022 ба ҳайси мудири кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи шаҳрвандӣ,

айни ҳол бошад, ба ҳайси муаллими калони кафедраи педагогикаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият карда истодааст.

Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич шахси баркамол, мустақил, меҳнатдӯст ва хоксор мебошад.

Корҳои илмии ӯ ба таҳлили сарчашмаҳои зиёд асос ёфтаанд. Ба қалами ӯ як қатор мақолаҳо оид ба проблемаҳои педагогикаи муосир дар бораи шароитҳои педагогию ташкилии тарбияи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таввассути худомӯзӣ тааллуқ дорад.

Корҳои илмии Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич таҳти унвони – «Мундариҷаи тарбияи ватандӯстии хонандагон бо истифода аз усулҳои худомӯзӣ», «Тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзӣ дар раванди таълими улуми инсонӣ», «Тарбияи ватандӯстии хонандагон таввасути усулҳои худомӯзӣ дар раванди таълими илмҳои ҷомеашиносӣ», «Ватандӯстии хонандагон тавассути худомӯзӣ», «Арзишҳои донишҳои психологӣ дар ташакули шахсияти варзишгарон», «Тарбияи хонандагони муассисаҳои таълимӣ ба воситаи худомӯзӣ», «Тарбияи ватандӯстии хонандагони  муассисаҳои таълимӣ тавасути бозиҳои миллӣ», «Тарбияи шарҳрвандӣ аз нигоҳи илми педагогика», «Ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар илми педагогика» ва дигар интишор гардида, шаҳодат медиҳад, ки ӯ ба масъалаҳое таваҷҷӯҳ намудааст, ки дар замони муосир актуалианд.

Муносибати ҷиддӣ ба кор, ҷустуҷӯи доимии илмӣ ба ӯ имкон медиҳад, ки барои ҳалли масъалаҳои мураккаби консептуалӣ натиҷаҳои баланди илмӣ ба даст оварад.

Ҳайбуло Саъдуллоевич борҳо бо маърӯзаҳои илмӣ дар конфренсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ, байнидонишгоҳӣ ва семенару мизҳои мудаввар иштирок намудааст.

Корҳои илмӣ, таълимӣ, таълимӣ-методии нашрнамудаи Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич, аз ҷаҳонбинии васеъ, аз кӯшиши муттаасил барои баланд бардоштани маҳорати педагогию касбиаш шаҳодат медиҳад.

Чунин мешуморам, ки рисолаи диссертатсионии Нарзуллоев Ҳайбулло Саъдуллоевич кори баанҷомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, муаллиф онро мустақилона дар дараҷаи баланди илмӣ таҳия намудааст.

Дисертатсияи мазкур ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисосӣ 13.00.05 – назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) тавсия дода мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
Директори Муассисаи давлатии
«Китобхонаи миллӣ»-и
Датгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзализода Ҷумахон Хол

04 - июли 2023.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734024,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе , кучаи Теҳрон 5.
Тел:(+992322)2-21-89-56.моб.+922818-50-63-24
Суроғаи элктронӣ: f.jumfkhon@mail.ru.

Имзои профессор Ҷ.Файзализодаро
тасдиқ менамоям: Сардори Раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси МД «Китобхонаи миллӣ»-и
Дастгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Исломов А.